# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6D.KOA-048 дар назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав вобаста ба қабули диссертатсияи номзадии Ҷонмаҳмадов Исфандиёр Тешаевич дар мавзуи «Методикаи ташаккул додани мафҳумҳои механика дар синфи VII-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба ҳимояи такрорӣ, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.01 – Назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ (таҳсилоти умумӣ))

Дар асоси қарори раиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-048 Сатторов А.Э. аз 13.10.2022, №2 комиссияи экспертӣ дар ҳайати 3 нафар тасдиқ шудааст: узви шуро, доктори илмҳои физикаю математика, профессор, **Комилӣ А.Ш.** (ихтисоси 07.00.10 – Таърихи илм ва техника (илмҳои физикаю математика (физика)) – раиси комиссия; узви шуро, доктори илмҳои педагогӣ, профессор, **Холназаров С.** (ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (химия)) – узви комиссия; номзади илмҳои педагогӣ, **Раҷабов У.Х.** (ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ (физика)) – узви комиссия.

Комиссияи экспертӣ таҳқиқоти диссертатсионии Ҷонмаҳмадов Исфандиёр Тешаевичро омӯхта ва мавриди баррасӣ қарор дода ҳисоб мекунад, ки он кори баитмомрасидаи илмӣ-тахассусӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шудааст. Таҳқиқот ба ҳадафҳои стратегии мамлакат роҷеъ ба мувофиқгардонии натиҷаҳои илмҳои бунёдӣ, дақиқ, техникӣ ва экспериментал ӣ ба воқеияти объективӣ созгор мебошад.

Мавзуи диссертатсионии Ҷонмаҳмадов И.Т. аҳамияти муҳими илмӣ-амалӣ дошта, дар он қайд мегардад, ки сатҳу сифати таълими физика ва дониш, малакаву маҳоратҳои (салоҳиятҳои) хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ баланд мешавад, агар зимни ташаккул додани мафҳумҳои физикӣ дар синфи ҳафт: муносибати босалоҳият ба таълим татбиқ карда шуда, маводи таърихӣ ва озмоишҳои физикии хонагӣ истифода гардида, саёҳатҳои физикӣ ташкилу гузаронида шаванд

Ҳадафи асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ: аз таҳлили аҳамият, хусусият, сохтор, мазмуну мақсади таълими физика; таҳлили вазъи проблемаи омӯзиши мафҳумҳои механика ҳангоми омӯзиши физика дар синфи ҳафти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, китобҳои дарсӣ ва васоити методӣ, инчунин дигар адабиёт,

ки дар онҳо масоили мавриди таҳқиқ ҷамъбаст гардидаанд; таснифи мафҳум ҳамчун ҷузъи асосии донишҳои физикӣ; коркарди методикаи татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим ва методикаи истифодаи маводи таърихӣ ҳангоми ташаккул додани мафҳумҳои физикӣ; коркарди методикаи тавассути озмоишҳои физикии хонагӣ ташаккул додани мафҳумҳои физикӣ; коркарди методикаи ташаккул додани мафҳуми масса дар синфи VII; коркарди методикаи ташаккул додани мафҳумҳои физикӣ ҳангоми ташкилу гузаронидани саёҳатҳои физикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ; ба таври озмоишӣ санҷидани самарабахшии тавсияҳои пешниҳодшуда, ки ба ташаккулёбии мафҳумҳои физикӣ дар синфи VII мусоидат мекунанд, иборат аст.

***Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро*** назарияи маърифат ва таълими инкишофдиҳанда, истифодаи методҳои самарабахши таҳқиқот, комилан мувофиқ будани вазифаҳои гузоштешуда ва методҳои таҳқиқот, таъмин менамоянд.

***Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.*** Масъалаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти муаллиф дар шакли гузориш ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-методӣ ва илмӣ-амалии ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Донишгоҳи давлатии Данғара, конференсияҳои илмӣ-методӣ ва илмӣ-амалии байналмилаливу ҷумҳуриявӣ, инчунин дар семинари илмӣ-методии кафедраи методикаи таълими физика ва Шурои илмӣ-методии факултети физикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав муаррифӣ гардидаанд. Бобҳои алоҳидаи рисола дар шакли дастуру тавсияҳои методӣ, мақолаҳои илмӣ ва илмию методӣ нашр шудаанд.

***Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.*** Мазмуни асосӣ ва натиҷаҳои кори таҳқиқотӣ дар 26 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 8 – тояшро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чопшуда, 17-тояшро мақолаҳои илмии дар маводи конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба чопрасида ва 1-тои дигарашро дастури методии аз ҷониби Шурои илмӣ-методии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба чоп тавсияшуда, ташкил медиҳанд.

Аз шумораи 8 мақолаи дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расида, 4-тояш ва аз шумораи 17 мақолаи илмии дар маводи конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба нашр расида, 6-тояш дар алоҳидагӣ, бе ҳаммуаллифӣ ба нашр расонида шудаанд.

Автореферат мазмуну муҳтавои дисертатсияро пурра инъикос менамояд.

**Натиҷаи умумии экспертизаи комиссияи экспертӣ**

Диссертатсияи Ҷонмаҳмадов Исфандиёр Тешаевичро дар мавзуи «Методикаи ташаккул додани мафҳумҳои механика дар синфи VII-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.01 – Назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ (таҳсилоти умумӣ)), ки мутобиқи ихтисос ва соҳаи илмии шурои диссертатсионии 6D.KOA-048 омода гардидааст, пас аз гирифтани иҷозати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ташкили ҳимояи якдафъаина, ба ҳимоя қабул кардан мумкин аст.

**Қарори комиссияи экспертӣ**

Дар асоси банди 56 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №267 аз 30.06.2021) комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.KOA-048 қарор менамояд:

1. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсияи номзадии Ҷонмаҳмадов Исфандиёр Тешаевич дар мавзуи «Методикаи ташаккул додани мафҳумҳои механика дар синфи VII-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.01 – Назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ (таҳсилоти умумӣ)) ба соҳаи илми шурои диссертатсионии 6D.KOA-048-и назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» мувофиқ мебошад.
2. Дар диссертатсия нуктаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ки дар соҳаи методикаи таълими физика навгонии илмӣ маҳсуб меёбанд. Натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои муаллиф паҳлуҳои назарӣ ва амалии илми педагогика ва методикаи омӯзишу парваришро такмил медиҳанд ва ба рушди методикаи таълими физика, ки дар ҷумҳурии мо мубрамияти он баръало эҳсос мегардад, муътамадона мусоидат менамоянд.
3. Соҳаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба мазмуни бандҳои 4, 5, 7, 15, 18, 19, 33 ва 36 шиносномаи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.01 – Назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ (таҳсилоти умумӣ)) мувофиқ мебошанд.

4. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда шудааст, ки доир ба проблемаи ташаккул додани мафҳумҳои механика ҳангоми омӯзиши физика дар синфи ҳафти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал таҳқиқоти мукаммали илмӣ гузаронида мешавад.
5. Миқдор ва сифати мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон банашррасидаи довталаб ба талаботи «Низомномаи Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи шурои диссертатсионӣ» ва меъёрҳои «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)» пурра ҷавобгӯ мебошанд. Натиҷаҳо ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро ифода менамоянд.
6. Дар диссертатсия ҳамаи адабиёти истифодашуда бо ишора ба муаллифон ва маъхазҳо тавассути иқтибосоварӣ ба расмият даровarda шуда, пурра риоя шудааст.

Ба Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз номи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» хоҳиш карда мешавад, ки барои қабул ва ташкили ҳимояи диссертатсияи номзадии Ҷонмаҳмадов Исфандиёр Тешаевич тибқи муқаррароти Низомномаи шурои диссертатсионӣ дар заминаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-048, бо илова намудани миқдори зарурии муттахассисон аз рӯйи ихтисоси зерин – **Сатторов Абдурасул Эшбекович** – д.и.п., 13.00.02 - Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (математика), раиси шуро; **Нугмонов Мансур** – д.и.п., 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (математика), муовини раиси шуро; **Ойматова Ҳоҷармо Холмуродовна** – н.и.п., 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (физика), котиби илмии шуро; **Комилӣ Абдулҳай Шарифзода** – д.и.ф.-м. профессор, 07.00.10 - Таърихи илм ва техника (илмҳои физика), узви шуро; **Шодиён Муҳаммад Султонзода** – д.и.п., профессор, 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (математика), узви шуро; **Файзализода Баҳрулло Файзалӣ** – д.и.п., 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (информатика), узви шуро; **Шерматов Дусназар Саидович** – д.и.ф.-м. профессор, 01.04.07 – Физикаи ҳолатҳои конденсӣ (физика), узви шуро; **Холназаров Санг** – д.и.п., профессор, 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (химия), узви шуро; **Солиҳов Давлат Қувватович** – д.и.ф.-м. профессор, 01.04.02 – Физикаи назариявӣ

(илмҳои физикаю математика), узви шӯро барои гузаронидани ҳимояи якдафъаина иҷозат медодед.

Пешниҳод мегардад, ки дар мавриди гирифтани иҷозат оид ба ташкили ҳимояи якдафъаина, муассисаи пешбари диссертатсия **Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** таъин карда шавад.

Пешниҳод мегардад, ки пас аз гирифтани иҷозат оид ба ташкили ҳимояи якдафъаина муқарризони расмии диссертатсия **Файзиев Исматилло Давлатович** доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи физикаи назариявӣ ва методикаи таълими физикаи МДТ Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров ва **Мухамедшин Рашид** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими физикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ таъин карда шаванд.

Пешниҳод мегардад, ки пас аз гирифтани иҷозат оид ба ташкили ҳимояи якдафъаина, ба нашру панҷкунии автореферат ва инчунин барои дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав гузоштани эълон оид ба ҳимоя ва гузоштани матни диссертатсия ва автореферат иҷозат дода шавад.

Раиси комиссия:
доктори илмҳои физикаю
математика, профессор — А.Ш. Комилӣ

Узви комиссия:
доктори илмҳои педагогӣ,
профессор — С. Холназаров

Узви комиссия:
номзади илмҳои педагогӣ — У.Х. Раҷабов

Тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДБ ба номи
Носири Хусрав — Ҷ.А. Шукурзод
28 10 2022 с.

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС